# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи “Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Дар шароити муосир ба инкишофи иқтисодиёти сабз, баҳри баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодиёти минтақаҳо, диққати махсус зоҳир карда шуда, дар ин самт аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ гардидаанд. Дар сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаккулдиҳӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз мавқеи хоса дорад. Ин тадбирҳо бевосита барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар ҳамзистӣ бо ҳалли мушкилоти экологӣ, истифодаи иқтидори мавҷудбуда барои таъмини рушди босуботи иқтисодиёти мамлакат равона шудаанд, ки яке аз самтҳои муҳими он ин инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои мамлакат ба ҳисоб меравад. Таъминоти инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон дар ҳамон ҳолат комил мегардад, ки агар ҳар як воҳиди хоҷагидорӣ дар фаъолияти худ ба принсипҳои иқтисодиёти сабз такя намояд. Дар ин росто муайян намудани заминаҳо ва дурнамои инкишофи иқтисодиёти сабз дар сатҳи минтақаҳои мамлакат баҳри баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ нақши муассир дорад. Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳалли масъалаҳои инкишофи иқтисодиёти сабз дар таъмини рушди босуботи иқтисодии минтақаҳо муҳим ва мубрам аст. Айнан бо гуфтаҳои боло муҳиммият, сарвақтӣ ва арзиши илмии диссертатсияи Алиджанова С.А. арзёбӣ мегардад.

Алиджанова Сурайё Абдушукуровна соли 2002 Филиали Хуҷандии донишгоҳи технологии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси таъминоти программавии техникаи ҳисоббарор ва системаҳои автоматӣ, соли 2010

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуровро бо дипломи аъло аз рӯйи ихтисоси менеҷмент хатм намуд.

Алиджанова С. А. аз соли 2005 фаъолияти кориашро оғоз намуда, дар тӯли ин солҳо дар вазифаҳои нозири маркази бақайдгирии донишҷӯёни Филиали Хуҷандии донишгоҳи технологии Тоҷикистон, мутахассиси шуъбаи таълими ДДҲБСТ, мутахассиси маркази тестии ДДҲБСТ, ассистент, сармуаллим ва баъдан дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии ДДҲБСТ бомуваффақият фаъолият бурда истодааст.

Соли 2014 рисолаи номзадиро аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ (назарияи умумии иқтисодӣ) дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ гардид. Соли 2022 бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябр таҳти №7 унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси “Иқтисодиёт” дода шудааст.

Кори диссертатсионии Алиджанова Сурайё Абдушукуровна аз муқаддима, панҷ боб, 17 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум “Асосҳои назариявии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз”** моҳият ва тавсифи иқтисодиёти сабз, мавқеи он дар консепсияи рушди устувор ва тамоюли инкишофи иқтисодиёти сабз дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Муаллиф дар асоси таҳқиқи манбаъҳои зиёди илмӣ асосҳои назариявӣ-методологии ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабзро ба низом дароварда, муайян намудааст, ки иқтисодиёти сабз ҷавобан ба қобилият надоштани иқтисодиёти анъанавӣ, барои бздошти ифлосшавии муҳити зист ба миён омада, татбиқи он ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва бахши хусусиро дар минтақаҳо дар назар дорад. Аз ҳамин лиҳоз,

дар таҳқиқот муқаррар карда шудааст, ки татбиқи ҳадафҳои консепсияи рушди устувор бе дарназардошти инкишофи иқтисодиёти сабз имконнопазир мебошад. Зеро рушди устувор алоқамандии се унсурҳои асосиро фарогир мебошад, ба монанди иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва экология. Бинобар ҳамин, мавқеи иқтисодиёти сабз дар таъмини рушди устувор калидӣ ба ҳисоб рафта, метавонад барои расидан ба ҳадафҳои он мусоидат намояд.

**Дар боби дуюми диссертатсия "Ҷиҳатҳои методологии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз"** мавқеи иқтисодиёти сабз дар татбиқи сиёсати иқтисодии давлат, иқтисодиёти сабз ба сифати самти муосири таъмини рушди иқтисодӣ, унсурҳои институтсионалии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз, инчунин ҷиҳатҳои иҷтимоии ташаккулёбии иқтисодиёти сабз мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф тавонистааст исбот намояд, ки иқтисодиёти сабз дар баробари таъмин намудани ҳадафҳои рушди устувор, барои бартараф намудани сатҳи камбизоатӣ ва қонеъгардонии ҳадди аксари эҳтиёҷот, истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои табиӣ, коҳиш додани таъсири манфии истеҳсолот ба муҳити зист низ равона карда шудааст.

**Дар боби сеюм "Вазъи муосири инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон"** тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имкониятҳои инкишофи иқтисодиёти сабз, заминаҳои рушди иктсодиёти сабз дар минтақаҳои мамлакат, вазъ ва дурнамои истифодаи технологияҳои сабз дар соҳаҳои хоҷагидории коммуналии минтақаҳо, инчунин идоракунии партов ҳамчун самти рушди иқтисодиёти сабз дар шароити минтақаҳои Тоҷикистон мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода шудаанд. Дар самти ташаккулёбии иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо, коркарди такрории партови маишию истеҳсолӣ ва безараргардонии партов ба воситаи ташкили корхонаҳои коркарди партов, бо ҷалби технологияҳои инноватсионӣ, аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ асоснок карда шудааст.

**Дар боби чорум "Хусусиятҳои минтақавии инкишофи иқтисодиёти сабз дар Тоҷикистон"** инкишофи неруи энергетикии барқароршаванда

ҳамчун ҳадафи инкишофи иқтисодиёти сабз, афзалиятҳои гузариш ба наклиёти сабз дар минтақаҳо ва инкишофи шуғли сабз дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти сабз таҳқиқ карда шудаанд.

Алиджанова С.А. дар доираи диссертатсия зарурати коҳиш додани истифодабарии ангиштро барои ҳифз намудани муҳити зист асоснок карда, истифодабарии сарчашмаҳои алтернативии энергияро тавсия додааст. Бахусус, истифодабарии технологияҳои муосири истифодабарии гази табиӣ барои шабакаҳои гармидиҳӣ, ки ихроҷи моддаҳои зарарнокро ба атмосфера ба маротиб коҳиш медиҳад. Ҷоиз ба қайд аст, ки диссертатсиянавис афзалияти гузариш ба наклиёти сабзро на танҳо аз лиҳози экологӣ, инчунин аз ҷиҳати иқтисодӣ муқаррар кардааст.

**Дар боби панҷум "Ҳадафҳои стратегии инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон"** муносибати стратегӣ оид ба инкишофи иқтисодиёти сабз дар рушди устувори минтақаҳои Тоҷикистон, самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо, такмили низоми нишондиҳандаҳои инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳо таҳқиқ карда шудаанд.

Барои баҳодии дараҷаи фароҳам овардани ҳадафҳои иқтисодиёти сабз дар сатҳи минтақаҳо дар асоси таҳлили нишондиҳандаи "Индекси глобалии иқтисодиёти сабз", муаллиф коэффитсиенти ҳиссиёти партофти газҳои гулхонаӣ ва дигар моддаҳои зарарнокро вобаста аз афзоиши маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ коркард ва ҳисоб кардааст, ки аҳаммияти илмӣ, методологӣ ва амалӣ дорад.

Диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон" таҳқиқоти мукаммал ва бaанҷомрасида ба ҳисоб рафта, он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ҷавобгӯ буда, автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф қисмати асосии диссертатсияро фарогир мебошад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон", ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, № 3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Мушовири илмӣ:**
**Муовини якуми Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон д.и.и., дотсент** **Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.**

«_20_» ___03___ соли 2025

Суроға: 7347025 Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Айнӣ, хонаи 55, ҳуҷраи 138
Телефон: (+992) 92-766-06-29
E-mail: homid_@mail.ru

Имзои муовини якуми Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ВМИҶТ Саъдуллозода Ш.

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 13а
Телефон:+992-227-76-86
E-mail: mort@maorif.tj

«_20_» ___03___ соли 2025